**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба рисолаи номзадии Набиев Баҳодур Аҳмадович дар мавзӯи: «Фаъолсозии ҷалби сармоягузориҳо дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ба муҳокима барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08. 00.05 - Иқтисод ва идораи хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идораи корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (саноат)**

Дар шароити имрӯза яке аз самтҳои асосии рушди иқтисодиёт и фаъолсозии ҷалби сармоягузориҳо дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самаранок истифодабарии захираҳои сармоягузорӣ ҳамчун сарчашмаҳои дохиливу хориҷӣ мебошад.

Дар мундариҷа муаллиф мубрамияти мавзӯи илмиро асоснок намуда истифода аз методҳои навтарин оид ба ҷалби сармоягузории дохилӣ ва хориҷиро барои тақвият бахшидани комплекси энергетикии Ҷмҳурии Тоҷикистон руи кор овардааст. Дар солҳои охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараёнҳои фаъолсозии ҷалби сармоягузориро ба комлекси энергетикӣ диққати махсус дода истодааст. Барои ноил шудан ба масъалаи мазкур аз ҷониби Ҳукумати кишвар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 тарзрези шудааст, ки яке аз ҳадафҳои асосии он истиқлолияти энергетикӣ мебошад. Маҳз интихоби рисолаи диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф дар ин росто баҳри баланд бардоштани комплекси энергетикии кишвар истифода аз ҷалби сармоягузориҳои ватаниву хориҷӣ мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода шудааст.

Вобаста ба масъалаҳои мавҷудбуда муаллиф мақсад ва вазифаҳои фаъолсозии ҷалби сармоягузориҳоро дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рисолаи диссертатсионии худ матраҳ намудааст. Вазифаҳои мазкур аз инҳо иборат мебошад: таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва тафсири мафҳуми категорияҳои ҷалби сармоягузорӣ ва фаъол намудани фаъолияти сармоягузорӣ, муайян кардани нақши ин раванд дар шароити иқтисоди бозаргонӣ, интихоби категория ва нишондиҳандаи баҳодиҳии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар комплекси энергетики кишвар; истифода намудани таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар ҷалби сармоягузорӣ аз ҳисоби имконоти амалии истифодаи он дар сармоягузории соҳаи энергетикаи ҷумҳурӣ; таҳлилу баррасии вазъи муосир ва анъанаҳои истифодаи захираҳои сармоягузорӣ дар комплекси энергетикӣ ва муайян намудани омилҳои фаъолшавии равандҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои комплекси энергетикӣ; асоснок намудани

самтҳои асосии такмили механизими ҷалби сармоягузорӣ ва баланд бардоштани сатҳи фаъолшавии фаъолияти сармоягузорӣ; мукаммал намудани низоми сарчашмаҳои маблағгузории комплекси энергетикӣ; баҳогузорӣ ба даромаднокӣ ва натиҷабахшии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон; модели регрессионии сармоягузории соҳаи энергетика бо нишондиҳандаҳои рушди иқтисодӣ дар кишвар сохта шуда, дар асоси он мултипликатори кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати сармоягузорӣ арзёбӣ шудааст.

*Дар боби аввал* «Асосҳои назариявӣ – методии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси энергетикӣ», ҷанбаъҳои назариявии фаъолияти сармоягӯзорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ, усулравиши баҳодиҳии самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси энергетикӣ, инчунин таҷрибаи хориҷии ҷалби захираҳои саромоягузорӣ дар комплекси энергетикӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

*Дар боби дуюм* «Таҳлили вазъи муосири фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси энергетики Ҷумҳурии Тоҷикистон», таҳлили захираҳои сармоягузорӣ дар комплекси энергетикии минтақаҳои Тоҷикистон омӯхта шудааст. Инчунин баҳодиҳии самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар комплекси энергетики татбиқшаванда баҳогузорӣ шудааст.

*Дар боби сеюм* бошад «Самтҳои асосии такмил додани фаъолсозии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси энергетикӣ», такмилдиҳии низоми сарчашмаҳои молиякунонии сармоягузорӣ дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ шуда, механизми ҳавасмандгардонии ҷалби сармоягузорӣ дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст, инчунин даромаднокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар комплекси энергетикии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ кapop гирифтанд.

Дар хулоса муаллиф натиҷаҳои асосии таҳқиқотро оид ба фаъолсозии ҷалби сармоягузориҳо дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамбаст намуда хулосабарорӣ кардааст.

Рисолаи диссертатсионии Набиев Б.А. дар мавзӯи «Фаъолсозии ҷалби сармоягузориҳо дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сатҳи баланди илмӣ-амалиро касб намудааст, хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллиф ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалиро оид ба иҷроиши муаммоҳои ҷалби сармоягузориҳо дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар гирифтааст. Дар маҷмуъ рисола аҳамияти кифояи илмӣ ва назаривию амалиро доpoст ва кори илмӣ-тадқиқотии баитмомрасида дар сатҳи муҳокимаи аввалия ба ҳисоб меравад.

Рисолаи номзадии Набиев Баҳодур Аҳмадович дар мавзӯи: «Фаъолсозии ҷалби сармоягузориҳо дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ба муҳокима барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосӣ 08.00.05 - Иқтисод ва идораи хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идораи корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (саноат) пешниҳод шудааст, кори мустақилона анҷомдода, мантиқӣ ва дар ҳамин сатҳи муҳокима ба итмомрасидаи илмӣ-квалификатсионӣ буда, арзиши баланди илмӣ дорад.

Дар маҷмуъ рисолаи номзадии пешниҳоднамудаи Набиев Б.А. дар мавзӯи: «Фаъолсозии ҷалби сармоягузориҳо дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани рисолаҳои номзадӣ дар сатҳи муҳокимаи аввала ҷавобгӯ буда, барои муҳокимаҳои минбаъда ва ҳимоя дар Шурои диссертатсионии мувофиқ ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илми иктисодӣ аз руи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисод ва идораи хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идораи корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (саноат) пешниҳод мегардад.

**Роҳбари илмӣ, профессори**
**кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии ДМТ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ** **Уроқов Д.У.**

**Имзои Уроқов Д.У.-ро тасдиқ менамоям,**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**
**«___»_____________ с. 2019**